**ХУЛОСАИ НИҲОИИ**

**Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018**

**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи**

**диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи аттестатсионии №_______

Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 11 апрели соли 2023 таҳти №31

дар бораи сазовор донистани Абдулхайрзода Ҷамила шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Диссертатсияи Абдулхайрзода Ҷамила дар мавзуи «Инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи кӯдак» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, санаи 25.01.2023, суратмаҷлиси №20 аз ҷониби Шурои диссертатсионии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбни Рӯдакӣ 17, Шурои диссертатсионӣ, ки бо Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, №16/шд тасдиқ гардидааст), ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Абдулхайрзода Ҷамила 26-уми декабри соли 1992 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Номбурда соли 2015 факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ хатм карда, аз соли 2016 то инҷониб дар суди шаҳри Душанбе кору фаъолият менамояд.

Аз 09 феврали соли 2016, таҳти №69-05 бо фармоиши Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳамчун аспиранти шуъбаи ғоибонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ таҳсил намуда, соли 2020 хатм намудааст.

Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардидааст.

**Роҳбари илмӣ: Насриддинзода Эмомалӣ Сайфиддин** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа.

**Муқарризони расмӣ:**

**Бобоҷонзода Исрофил Ҳусейн** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

**Аминҷонов Абдуразоқ Худойшурович** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии Муасисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, ба диссертатсия тақризҳои мусбат додаанд.

**Муассисаи пешбар** – Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (ш. Душанбе). Дар хулосаи мусбати додашудаи муассиса, ки аз тарафи муқарриз Абдулхонов Ф.М. номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, ходими пешбари маркази омӯзиши “Макатаби давлатдории Эмомалӣ Раҳмон” Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон имзо шудааст, қайд гардидааст, ки диссертатсияи Абдулхайрзода Ҷамила ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми

шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ доир ба мавзуъ ва моҳияти таҳқиқоти диссертатсионӣ 13 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 6 мақола дар маҷаллаҳои дигар ба нашр расонидааст. Интишороти унвонҷӯ нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[1–М].** Абдулхайрзода, Дж. Закрепление прав ребенка в законодательстве Республики Таджикистан [Текст] / Дж. Абдулхайрзода // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал) / Серия гуманитарных наук. – Душанбе, 2016. – №2/6 (210). – С. 112-120. **ISSN 2413 – 5151**

**[2–М].** Абдулхайрзода, Дж. К вопросу защиты прав ребенка в Таджикистане: история и современность [Текст] / Дж. Абдулхайрзода // Вестник Российско-Таджикский (славянский) университет (научный журнал) / Серия гуманитарных наук. – Душанбе, 2018. – №1 (61). – С. 83-87. **ISSN 2077 – 8325**

**[3–М].** Абдулхайрзода, Дж. Права и свободы ребенка в правовой системе Республики Таджикистан [Текст] / Дж. Абдулхайрзода // Правовая жизнь (научный журнал) / Серия гуманитарных наук. – Душанбе, 2018. – №3. – С. 12-25. **ISSN 2307 – 5198**

**[4–М].** Абдулхайрзода, Дж. Современная правовая политика Таджикистана в области защиты прав детей [Текст] / Дж. Абдулхайрзода

// Законодательства (научный журнал). – Душанбе, 2019. – №2. – С. 104-108. **ISSN 2410 – 2903**

**[5–М].** Абдулхайрзода, Ҷ. Мафҳуми ҳуқуқҳои кӯдак дар низоми ҳуқуқи инсон [Матн] / Ҷ. Абдулхайрзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. (Маҷаллаи илмӣ-амалии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ). – Душанбе, 2021. – №4 (24). – С. 115-127. **ISSN 2414 – 9217**

**[6–М].** Абдулхайрзода, Ҷ. Сафарзода, Б.А. Шосаидзода, Ш.Ш. Сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак [Матн] / Ҷ. Абдулхайрзода, Б.А. Сафарзода, Ш.Ш.Шосаидзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – №3. – Душанбе, 2022. – С. 245-252. **ISSN 2413 – 5151**

**[7–М].** Абдулхайрзода, Ҷ. Насриддинзода, Э.С. Механизмҳои ҳифз ва таъмини ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ҷ. Абдулхайрзода, Э.С. Насриддинзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. (Маҷаллаи илмӣ-амалии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ). – Душанбе, 2022. – №3 (27). – С. 7-23. **ISSN 2414 – 9217**

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

**[8–М].** Абдулхайрзода, Ҷ. Танзими ҳуқуқҳои кӯдак дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ҷ. Абдулхайрзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон (маҷаллаи илмӣ). – Душанбе, 2017. – № 1 (05). – С. 120-126. **ISSN 2414 – 9217**

**[9–М].** Абдулхайрзода, Дж. Понятие и правовой статус ребенка в Республике Таджикистан [Текст] / Дж. Абдулхайрзода // Государствоведение и права человека (научный журнал). – Душанбе, 2018. – С. 45-49. **ISSN 2414 – 9217**

**[10–М].** Абдулхайрзода, Дж. Роль всеобщей декларации прав человека в укреплении прав ребенка [Текст] / Дж. Абдулхайрзода / Дж. Абдулхайрзода // Государствоведение и права человека (научный журнал). – Душанбе, 2018. – №1(09). – С. 116-120. **ISSN 2414 – 9217**

**[11–М].** Абдулхайрзода, Дж. Генезис прав и свобод ребенка в системе прав человека [Текст] / Дж. Абдулхайрзода // Вестник науки и творчества (научный журнал). – Казань, Россия, 2018. – № 7 (31). – С. 5-7. **ISSN 2413 – 6395**

**[12–М].** Абдулхайрзода, Дж. Права ребенка как юридическая конструкция [Текст] / Дж. Абдулхайрзода // Вестник науки и творчества (научный журнал). – Казань, Россия, 2018. – № 7 (31). – С. 8-10. **ISSN 2413 – 6395**

**[13–М].** Абдулхайрзода, Дж. Понятие ребенка в теории права [Текст] / Дж. Абдулхайрзода // Вестник науки и творчества (научный журнал). – Казань, Россия, 2018. – № 7 (31). – С. 11-14. **ISSN 2413 – 6395**

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**Қодирзода С.М.** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, декани факултети сармоягузорӣ ва менеҷменти байналмилаии Донишгоҳи давлатии Данғара.

Муқарриз қайд намудаанд, ки «дар аксари кишварҳои хориҷӣ бо мақсади амалӣ намудани муқаррароти Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак ҷиҳати таъсис додани мақоми ваколатдор оид ба ҳифзи ҳуқуқи кӯдак – Ваколатдор ё комиссияҳои махсус таъсис дода шудааст. Дар кишвари мо бошад, бо супориши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз соли 2015 Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак ҳамчун зерсохтори Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон таъсис дода шудааст. Пешниҳод менамоем, ки Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак чун ниҳоди мустақил дар алоҳидагӣ аз Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон фаъолият намояд (саҳ. 12). Дар автореферат масъалаи мавриди назар пурра шарҳ дода нашудааст. Хубтар агар мебуд диссертант оиди масъалаи мазкур пурра маълумот пешкаш менамуд».

**Бухориева С.М.** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, сардори шуъбаи ҳуқуқ ва кор бо кадрҳои Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Муқарриз иброз менамояд, ки «Таҳқиқбаранда дар тавсияи назариявии панҷум пешниҳод кардааст, ки мутобиқи боби дуюми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд яксон шуморида мешаванд, ҳарчанд аз лиҳози сиёсӣ, моддӣ ва мурофиавӣ кӯдак субъекти махсус ба ҳисоб меравад. Аз ин ҷиҳат, таъин ва танзими ҳуқуқи кӯдак истифодаи механизми махсуси ҳуқуқиро тақозо менамояд. Дар қ. 1 ва 2, м. 34 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон фақат ба таври умумӣ сухан меравад. Аз ин рӯ, зарурати он вуҷуд дорад, ки вазъи махсуси кӯдак дар сатҳи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври мушаххас пешбинӣ гардад. Пешниҳод карда мешавад, ки асоси қонунгузории ҳифзи ҳуқуқи кӯдак такмилу мушаххас гардад (саҳ. 10-11). Аз таҳқиқбаранда мехостам пурсон шавам, ки кадом самтҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи кӯдак бояд такмил дода шавад».

**Вализода С.О.** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мутахассиси пешбари раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, муқарриз иброз намудааст, ки «унвонҷӯй қайд менамояд, ки такмили танзими ҳуқуқии масъалаҳои зиёде доир ба ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдакро ҳангоми ҳалли баҳсҳои судӣ, ки бевосита ба сарнавишти минбаъдаи кӯдакон дахл доранд, зарурӣ медонем (саҳ. 4). Аз унвонҷӯй мехостам равшан намояд, ки таҳти баҳсҳои судӣ, ки бевосита ба сарнавишти минбаъдаи кӯдакон дахл доранд, чиро дар назар дорад? ».

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, эродҳои муқарризон баҳснок мебошанд ва аз мураккаб будани мавзуъ далолат мекунанд.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаи гуногуни кори илмии анҷомдашуда алоқамандии зич доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

– масъалаи таҳқиқ намудани мафҳум ва вазъи ҳуқуқии кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон **коркард карда шуд**;
– ҳуқуқи кӯдак дар низоми ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон **омӯхта шуд**;
– асосҳои сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак **баррасӣ гардид**;
– таносуби ҳуқуқи кӯдак дар қонунгузории миллӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ **муайян карда шудаанд**;
– таҳлили механизмҳои ҳифз ва таъмини ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон **ҷорӣ гардиданд**;
– таҳқиқи ҳолати кунунӣ ва дурнамои рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи кӯдак як қатор тавсияҳои назарӣ ва амалӣ **таҳия ва пешниҳод шудааст**.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ бо он асоснок карда шудааст, ки:**

– хулоса ва таклифу пешниҳодҳои дар он манзургардида метавонанд барои ҳалли як қатор масъалаҳои назарияи давлат ва ҳуқук, ки ба ҳуқуқи кӯдак бахшида шудаанд, мусоидат намоянд;

– истифодаи маводи диссертатсия дар таҳлилу хулосабарории мавзуъҳои назариявӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ ва соҳавӣ-ҳуқуқӣ маълумотҳо ва маводҳои нави илмиро пешниҳод менамояд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта,** ба сифати заминаи методологии таҳқиқот усули таҳлил, синтез, индуксия, дедуксия, муқоиса, аналогия ва абстраксия истифода шудаанд. Илова бар ин, усулҳои низомномавӣ, сохторӣ-функсионалӣ, оморӣ, мушаххасоти сотсиологӣ, муқоисаи ҳуқуқӣ, шарҳи мантиқӣ-расмӣ, таърихӣ истифода бурда шудааст.

Ҳамчунин, ҷанбаҳои алоҳидаи назариявии осори олимони ватанӣ, ба монанди У.А. Азиззода, Н.И. Бобоева, И.Ғ. Ғаффорзода, А.М. Диноршоҳ, А.И. Имомов, Н.Ш. Қурбонализода, М.А. Маҳмудзода, Э.С. Насриддинзода, Д.С. Раҳмон, Н.Ш. Салиева, Б.А. Сафарзода, Ҷ. Саъдизода, Ф.Т. Тоҳиров, А.Ғ. Холиқзода, Р.Ш. Шарофзода, Ш.Ш. Шосаидзода ва дигарон роҷеъ ба инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи кӯдак таҳқиқу баррасӣ гардидааст.

Ҳамчунин, ҷанбаҳои алоҳидаи назариявии осори олимони хориҷӣ, ба монанди В.И. Абрамов, А.Д. Абашина, С.С. Бойко, А.А. Баранов, О.В. Бутко, В.В. Василев, И.В. Васильева, Р.Х. Давидов, О.Н. Двуреченская, Б. Жавзандолгор, М.В. Железний, В.А. Кучинский, В.В. Кулапов, В.И. Куприянова, Е.А. Лактюнкина, Е.Н. Микитова, А.С. Мордоветс, Р.В. Морозова, А.М. Нечаева, К. Никонов, М.В. Немитина, М.Н. Садовникова, А.А. Троитский, В.А. Туманов, В.С. Тадевосян, И.В. Ушанков, Т.В. Шершен ва дигарон оид ба ҳуқуқи кӯдак омӯхта шудаанд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешаванд, ки:**

– дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ҷиҳати такмили қонунгузории кишвар метавон хулосаву пешниҳодҳои таҳқиқотро вобаста ба масъалаи инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи кӯдак истифода бурд;

– натиҷаҳои таҳқиқотро метавон дар таълими фанҳои «назарияи давлат ва ҳуқуқ», «ҳуқуқи инсон», «ҳуқуқи кғдак», «ҳуқуқи занон», «механизмҳои ҳимояи ҳуқуқи инсон», «ҳуқуқи ҷиноятӣ», «ҳуқуқи граждани» ва ғайра, ҳангоми навиштани корҳои курсӣ, рисолаҳои хатм, рисолаҳои магистрӣ ва рефератҳо истифода бурд;

– хулосаву пешниҳодҳои таҳқиқот барои амалияи ҳуқуқтатбиқсозӣ ҷиҳати инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи кӯдак аҳаммияти калон доранд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот нишон доданд, ки** нуктаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ оид ба паҳлуҳои мухталифи инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи кӯдак, таҳлили натиҷаҳо ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда, мафҳумҳо, андешаҳо ва тавсияҳои назариявию амалии муаллиф, нуктаҳои илмии таҳқиқот ва тавсияҳо, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории миллӣ бо қонунгузории кишварҳои хориҷӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар самти инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи кӯдак, таҳқиқи ҳолати кунунӣ, дурнамо ва роҳҳои такмили қонунгузории кишвар оид ба инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи кӯдак асос меёбад.

**Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия** ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсия, нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ оид ба инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи кӯдак асоснок карда мешавад. Ҳамзамон, масъалагузорӣ ва сабки диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд. Ғайр аз ин, муаллиф дар таҳқиқоти диссертатсионӣ доир ба ҳалли масъалаҳо вобаста ба инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи кӯдак дар илмҳои

соҳавӣ ва қонунгузории кишвар навгониҳои назаррасро пешниҳод намудааст.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионӣ аз 11 апрели соли 2023, қарор қабул карда шуд, ки ба Абдулхайрзода Ҷамила дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ аз 15 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, «14» нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо «6» нафарашон доктороми илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз «14» нафар аъзои Шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ «14» нафар, «муқобил нест», бюллетенҳои беэътибор «нест».

**Раиси Шурои диссертатсионӣ**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Азиззода У.А.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Назаров А.Қ.**

**11 апрели соли 2023**